# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

1. Таҳаввулоти иҷтимоию сиёсие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рух дода истодааст, зарурати сифатан беҳтар кардани корҳои таълиму тарбиявиро кайҳо ба миён овардааст. Вобаста ба ин, таъсиррасонӣ ба шахсияти хонанда бояд фарогири руҳи замон бошад. Бо дрназардошти фикрҳои болозикр унвонҷу Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ»-ро интихоб намудааст, ки мубрам арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсияи Саид Ниёзмуҳаммад Саид мутобиқ, ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ, шудааст, иҷро гардидааст. Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, бозингариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст (протоколи №11 аз 23.12.2024). Дар хулосаи шуъба ба диссертатсия баҳои воқеию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31–33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

4. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзӯи «Ҷанбаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба банди 1 – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), банди 6 – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), банди 7 – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ), ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ гашта, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, дар мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо баррасӣ шуда, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 9 мақолаи муаллиф интишор гардидаанд, ки 5-тои он дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА наздии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

6. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд,

ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

7. Тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда, ки ба шаклу усулҳои самарабахши ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол нигаронида шудаанд, аз дараҷаи эътимоднокии таҳқиқот шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, дар диссертатсия ҷиҳати расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ тавсияҳои судманд ироа гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, дар факултетҳои таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар семинару машваратҳои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ истифода бурд.

8. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷа ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкоро мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

9. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои самарабахши ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ пешниҳод шудааст, аз ҷумла: барномаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳия карда шудааст; технологияи ташаккули тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол, ки дар он авлавият ба мазмун, методҳо, шаклҳу воситаҳои тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон дода шудааст, коркард шудааст; корҳои тарбиявӣ оид ба ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии онҳо ба роҳ монда шудааст.

10. Талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Саидзода

Ниёзмуҳаммад Саид тавсия медиҳадд, ки:

а) диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид «Ҷанбаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагоги аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсиони иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– ба сифати муқарризони расми:

– Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

– Давлатова Ниёзбӣ Ҳабибуллоевна – номзади илмҳои педагоги, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдаки;

3. Ба сифати муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тавсия дода шавад.

4. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академиям таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саидро дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагоги аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, дар асоси

банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

ҚАРОР КАРД

1. Диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:**

– Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

– Давлатова Ниёзбӣ Ҳабибуллоевна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъйин карда шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссиям экспертӣ, Шербоев С.
доктори илмҳои педагоги
доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М.Б.
номзади илмҳои педагогӣ Исматов С.

02.05.2025

*Имзои С. Шербоев, М.Б Каримзода, С. Исматовро тасдиқ мекунам*

*Нозири кадрҳо ва коргузории АТТ* *М. Саидова*

2.05.2025